# ДАСТУР ВА НАМУНАИ СОЗИШНОМА ДАР ХУСУСИ ПАРДОХТИ АЛИМЕНТ

Вазифаи падару модар оид ба таъмин намудани фарзандон дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст.

### Донистан зарур аст!

Падару модар ҳуқуқ доранд барои таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома (созишнома дар хусуси пардохти алимент) банданд.

Созишномаи пардохти алимент дар байни шахсе, ки алимент месупорад ва шахсе, ки онро мегирад баста мешавад. Созишномаи пардохти алимент андоза, шарт, тартиб ва мухлатҳои пардохти алиментро муайян месозад.

### Муҳим аст!

Созишномаи пардохти алимент дар шакли хаттӣ баста шуда, аз тарафи идораи наториалии давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми риоя накардани шакли хаттии созишнома ва тасдиқ накардани он ба таври нотариалӣ, созишнома беэътибор дониста мешавад ва боиси ба миён омадани ягон оқибати ҳуқуқӣ намегардад.

## Оқибати иҷро накардани талаботи созишнома

Созишномаи пардохти алимент, ки дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ шудааст, дорои эътибори варақаи иҷро мебошад.

Ин маънои онро дорад, ки дар сурати аз тарафи алиментдиҳанда (қарздор) иҷро накардани шартҳои созишнома оид ба пардохти алимент, алиментгиранда (ситонанда) ҳуқуқ дорад, ки ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро барои маҷбуран ба иҷро расонидани созишнома оид ба пардохти алимент муроҷиат намояд.

## Тағйир додан ва ё бекор кардани созшнома бо мувофиқаи тарафҳо

### Шаҳрвандон бояд донанд!

Созишномаи пардохти алимент ҳар гоҳ бо мувофиқаи тарафҳо тағйир дода ё бекор шуда метавонад. Тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент бо бастани созишномаи иловагӣ аз ҷониби тарафҳои созишнома (алиментдиҳанда ва алиментгиранда) амалӣ шуда, созишнома аз тарафи идораи нотариалӣ тасдиқ карда мешавад.

## Ба таври судӣ тағйир додан ё бекор кардани созишномаи алимент

Дар сурати ҷиддӣ тағйир ёфтани вазъи моддӣ ё оилавии тарафҳо ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент ба мувофиқа нарасидани тарафҳо, тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад дар хусуси тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент ба суд даъво пешниҳод кунад.

## Андозаи алимент тибқи созишномаи пардохти алимент

Андозаи алименте, ки тибқи созишномаи пардохти алимент пардохта мешавад, аз ҷониби тарафҳо дар ин созишнома муайян карда мешавад.

## Дар хотир дошта бошед!

Андозаи алименте, ки мувофиқи созишномаи пардохти алимент барои кӯдакони ноболиғ муқаррар карда мешавад, аз андозаи алименте, ки онҳо ҳангоми ба тартиби судӣ ситонидани алимент гирифта метавонистанд камтар буда наметавонад.

Яъне ин маънои онро дорад, ки дар сурати барои як фарзанд ба таври ҳиссавӣ аз музди меҳнат аз ¼ (аз чор як ҳисса), яъне аз 1000 сомони 250 сомонӣ руёнида шавад, дар ҳолати пардохти алимент тибқи созишнома, алимент аз ин андоза камтар буда наметавонад.

## Бояд донед!

Риоя накардани шартҳо оид ба андозаи алимент, боиси беэътибор эътироф намудани созишномаи пардохти алимент шуда метавонад.

## Диққат!

Дар зер намунаи созишномаи пардохти алимент оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намуна истифода баред.

*Намунаи созишномаи пардохти алимент*

**СОЗИШНОМАИ ПАПРДОХТИ АЛИМЕНТ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе
бисту дуюми январи соли ду ҳазору бисту чор

Мо, ____________________ (*ному насаби яке ах ҳамсарон*), 21.02.1970 соли таваллуд шиносномаи А4039986, аз тарафи ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 16.10.2017 сол дода шудаст, истиқоматкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри _______, кӯчаи _______, хонаи _____, ҳуҷраи ____, РМА 045510000, дар оянда «АЛИМЕНТДИҲАНДА» ном бурда мешавам

ва

____________________ (*ному насаби ҳамсари дигар*), 19.11.1977 соли таваллуд, шиносномаи А4039986, аз тарафи ШКД-1 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 03.04.2006 сол дода шудааст, истиқоматкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри _______, кӯчаи _______, хонаи _____, ҳуҷраи _____, РМА 046200000, дар оянда «АЛИМЕНТГИРАНДА» ном бурда мешавам, дар ин бора Созишномаи мазкурро бастем:

**1.1.** Мувофиқи моддаҳои 80, 81, 100, 101, 103 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «АЛИМЕНТДИҲАНДА» ба «АЛИМЕНТГИРАНДА» таъминот (алимент) барои фарзандони ноболиғ __________________ (*ному насаби фарзанди I*), 29 сентябри 2009 соли таваллудаш ва ______________________*(ному насаби фарзанди II),* 15 декабри 2010 соли таваллудаш то ба синну соли 18 ( хаждаҳсолагӣ) расидани онҳо, пардохт менамояд.

**1.2.** Мувофиқи созишномаи мазкур алиментҳо аз тарафи Алиментдиҳанда бо асъори миллӣ, ҳар моҳ барои ҳар як фарзанд 500 (панҷсад) сомонӣ, ҷамъ дар ҳаҷми 1000 (ҳазор) сомонӣ ба тариқи гузаронидани маблағҳои мазкур ба суратҳисоби «АЛИМЕНТГИРАНДА», ки дар Бонки Давлатии Амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «АМОНАТБОНК» дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст, пардохт карда мешавад.

**1.3**. Созишномаи мазкур аз лаҳзаи ба тариқи нотариалӣ тасдиқ кардани он ба қувваи қонунӣ медарояд ва баъд аз ба сину соли 18 солагӣ расидани ноболиғон __________________ (*ному насаби фарзанди I*), 29 сентябри 2009 соли таваллудаш ва ______________________*(ному насаби фарзанди II),* 15 декабри 2010 соли таваллудаш, муҳлати амали созишнома катъ мегардад.

**1.4.** Тарафҳо бо созишномаи байни худ ҳуқуқ доранд созишномаи мазкурро қатъ намоянд ё ин ки андоза ва тартиби пардохти алиментро тағйир диҳанд.

**1.5.** Алиментдиҳанда ҳуқуқ надорад яктарафа бе розигии «АЛИМЕНТГИРАНДА», аз пардохти алимент саркашӣ намояд.

**1.6.** Созишномаи мазкур дар се нусха тартиб дода шудааст, ки аз он як нусхааш дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоии Сомонии шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 23 нигоҳ дошта шуда, нусхаҳои дигараш ба тарафҳо дода мешаванд.

Имзои тарафҳо:

**1. АЛИМЕНТДИҲАНДА** ____________________________

**2. АЛИМЕНТГИРАНДА** ____________________________

22 январи соли 2024, созишномаи мазкурро ман, ____________________, нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, тасдиқ менамоям.

Созишномаи мазкур аз ҷониби тарафайн дар ҳузури ман ба имзо расидааст. Шахсияти имзокунандагони созишнома муайян ва қобилияти амалдории онҳо муқаррар карда шудааст.

Дар феҳраст таҳти №_____ ба қайд гирифта шудааст
Боҷи давлатӣ ба миқдори _______ сомонӣ пардохта шудааст.

**НОТАРИУСИ ДАВЛАТӢ**